**Тақризи**

мушовири илмӣ ба **Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна** дар мавзӯи, **«Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.10. - зоотехнияи хусусӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ.

Унвонҷӯй Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна соли 1979 дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ вилоятӣ Хатлон дар оилаи омӯзгор таваллуд шуда, Донишгоҳи Давлатии ба номи Носири Хисрав, ихтисоси биолог-эколог-ро соли 2016 хатм намудааст. Аз соли 2017 унвонҷӯйи Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, дар мавзӯи «Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон» бо роҳбарии д.и.к. Амиршоев Ф.С. то холо фаолият карда истодааст.

Унвонҷӯй дар яке аз таҳқиқото муайян кардааст, ки миқдори равған дар бадани занбӯр ба шумораи занбӯр дар лона ва харорати берунаю дохили занбӯркуттӣ вобаста мебошад. Чи қадаре, ки занбӯр вақти зиёдатӣ барои гармию хунукии лона сарф намояд, равғаннокии бадани ӯ кам мешавад, исботи он ин аст, ки моҳи январу феврал миқдори равғаннокӣ кам гардида пас аз пайдо гардидани гарди гул дар табиат, равғаннокӣ боз ба афзоишёбӣ сар намудааст.

Миқдори сафеда, равған ва нитроген дар бадани занбӯр вобаста ба синну соли занбӯр, миқдори иҷрои кори он, ҳолати физиологии занбӯр, фасли сол ва иқлими беруна, тағйир меёбад, аз ин лиҳоз намунаи занбӯр аз як канду гирифта шуда бошад хам, вале нишондоди якхела дода наметавонад.

Таҷрибаҳои гузаронидаи мо дар шароити ноҳияи Кӯшониён муайян намуд, ки ба оилаи занбӯр тамоми сол ҳавои тоза, намнокии муайян ва гази карбону оксиген барои ҳаётгузаронӣ зарур мебошад.

Дар вақти гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ Ҷурабоева Ҳ.. нағз тайёри дида имтиҳонҳои минимумии номзадиро дар вақташ супорида, ҳаммаи тафсири адабиётҳоро тайёр намудааст.

Ҷурабаева Ҳ.Н. шахсан натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар асоси таҳлилҳои оморӣ бо низоми муайян ифода намуда, муқоиса ва таҳлилҳои илман асоснокро дар кори диссертатсионӣ дарҷ кардааст. Унвонҷӯй шахсан худаш кори илмии мазкурро дар сатҳи баланди илмӣ навиштааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 6 мақолаи илмии ба чоп расида, аз он ҷумла дар 3 мақолаи дар маҷалаҳои тавсиявии Комиссияи олии аттестатсионии назди Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Диссертатсияи Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна дар мавзӯи «Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон» кори баитмом расидашуда ҳисобида, ба ҳимоя барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.10.-зоотехнияи чузъӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ тавсия карда мешавад.

Мушовири илмӣ д. и.к, профессори кафедраи парандапарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ — Шарипов А.

Имзои Шарипов Абдарашитро тасдиқ менамоям. Сардори шӯъбаи таълимоти ҳуқуқӣ ва кадрхо — Тағоева М.А.